**Тақриз**

**ба автореферати Ризобоева Наргис Мамадкаримовна дар мавзуи «Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик (давраи истиқлолият)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ). – Хуҷанд, 2022. – 22 саҳ.**

Рисолаи Ризобоева Наргис Мамадкаримовна дар мавзуи «Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик (давраи истиқлолият)» ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳимми шеъри даврони истиқлол бахшида шудааст. Тавре аз муҳтавои фишурда бармеояд, дар адабиётшиносии тоҷик роҷеъ ба мавзуи мазкур таҳқиқоти ҷиддие сурат нагирифтааст ва чуноне ки диссертант ҳам ишорат кардааст, масъалаи меҳварии диссертатсия танҳо дар бахше аз таҳқиқотҳои олимони тоҷик Матлубаи Мирзоюнус, Равшани Ҳамроҳ, Нуралӣ Нурзод ва чанде дигарон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аз ин рӯ, интихоби масъалаи мавриди таҳқиқ ба унвони мавзуи рисолаи номзадӣ муҳим ва зарурӣ буда, дар заминаи баррасиҳои анҷомдода як паҳлуи муҳимми шинохти арзишҳои бадеии шеъри муосири тоҷик равшан мегардад.

Фишурдаи рисолаи пажӯҳишгар бозгӯйи раванди таҳқиқи мавзуи доманадорест, ки аз муқаддима, 3 боб, ки ҳар боб шомили фаслҳои алоҳида мебошад, хулоса ва адабиёти истифодашуда фароҳам омадааст. Аз муҳтавои фишурда ошкор мегардад, ки муаллиф барои таҳлили масъалаи мазкур маводди фаровонеро аз шинохти шеър ва бадеияти он мутолиа ва баррасӣ намудааст. Хулоса ва натиҷаи ниҳоии тадқиқ бори дигар аз заҳмати унвонҷӯ дар баррасӣ ва таҳлилу

таҳқиқи мавзуъ гувоҳӣ дода, арзиши илмии рисоларо ба маротиб афзун гардонидааст.

Пажӯҳиши диссертант дар мавриди шинохти мафҳуми парадокс дар адабиётшиносии ватаниву хориҷӣ бар асоси омӯзиши осори назариву амалӣ хеле муфассал сурат гирифтааст. Заминаҳои зуҳури он дар шеъри классикии тоҷик ва идомаи он ҳамчун як суннати адабӣ дар шеъри муосир низ ҷолиб ба назар мерасад.

Дар умум, дар таҳқиқоти Ризобоева Наргис ду давраи муҳимми адабиёти муосири тоҷик аз назари ҷойгоҳи тасвирҳои парадоксӣ дар шеър таҳқиқ шудааст, ки барои шинохти ҷойгоҳи шеъри имрӯз ва таъйини арзишҳои адабиву бадеии он хеле муҳим мебошад. Таҳқиқи тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри давраи истиқлол, хосатан дар ашъори шоироне чун Гулрухсор, Фарзона, Доро Наҷот, Озарахш, Суруш, Озар, Гулноз, Нарзуллои Азизиён ва дигарон аз доираи васеи маводи амалӣ, намунаҳои ашъори шоирони имрӯз дарак медиҳад ва ба доираи фарохи мутолеаи муаллиф ишорат мекунад.

Дар баробари ин дастовардҳо аз фишурдаи рисола маълум мешавад, ки дар он баъзе камбудиҳо низ роҳ ёфтаанд. Муаллиф дар муқаддима асари Имомзода М.С., Кӯчарзода А., Абдуллозода М.А., Табарӣ М. "Адабиёти тоҷик дар замони истиқлолият"-ро зикр намуда қайд менамояд, ки ин таҳқиқоти судманд бевосита ба таҳқиқу баррасии вижагиҳои адабиёти 30 соли охир, аз ҷумла шеър, ҷанбаҳои мавзуиву шаклӣ ва сабкии он бахшида шудааст, аммо дар натиҷаҳои таҳқиқот зикр менамояд, ки «мусаллам аст, ки ҳарчанд аз истиқлолияти давлатии Тоҷикистон сӣ сол сипарӣ шудааст, ҳанӯз китобе мустақилона роҷеъ ба таърихи ин давраи адабиёт ба қалам наомадааст ва зарурати иншои чунин китоб мавҷуд аст» ва ин ихтилофи афкори муҳаққиқ мебошад. Дар автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ, техникӣ, хусусан дар овардани рӯйхати адабиёт

дар повараҳо ба мушоҳида мерасанд, киислоҳи онҳо ба манфиати кори муаллиф мебошад.

Бо ишораи ин нуқсонҳои фишурда арзиши илмии он кам намегардад. Рисола ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори унвони номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мебошад.

Дотсенти кафедраи забони
тоҷикӣ ва усули таълими забон
ва адабиёти тоҷики ДМТ,
номзади илми филология Дӯстмурод Ҳафиззода

Имзои Ҳафиззода Дӯстмуродро
тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Эмомалӣ Тавқизода

22.11.22 с.

**Тақриз**

**ба автореферати Ризобоева Наргис Мамадкаримовна дар мавзуи «Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик (давраи истиқлолият)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ). – Хуҷанд, 2022. – 22 саҳ.**

Рисолаи Ризобоева Наргис Мамадкаримовна дар мавзуи «Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик (давраи истиқлолият)» ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳимми шеъри даврони истиқлол бахшида шудааст. Тавре аз муҳтавои фишурда бармеояд, дар адабиётшиносии тоҷик роҷеъ ба мавзуи мазкур таҳқиқоти ҷиддие сурат нагирифтааст ва чуноне ки диссертант ҳам ишорат кардааст, масъалаи меҳварии диссертатсия танҳо дар бахше аз таҳқиқотҳои олимони тоҷик Матлубаи Мирзоюнус, Равшани Ҳамроҳ, Нуралӣ Нурзод ва чанде дигарон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аз ин рӯ, интихоби масъалаи мавриди таҳқиқ ба унвони мавзуи рисолаи номзадӣ муҳим ва зарурӣ буда, дар заминаи баррасиҳои анҷомдода як паҳлуи муҳимми шинохти арзишҳои бадеии шеъри муосири тоҷик равшан мегардад.

Фишурдаи рисолаи пажӯҳишгар бозгӯйи раванди таҳқиқи мавзуи доманадорест, ки аз муқаддима, 3 боб, ки ҳар боб шомили фаслҳои алоҳида мебошад, хулоса ва адабиёти истифодашуда фароҳам омадааст. Аз муҳтавои фишурда ошкор мегардад, ки муаллиф барои таҳлили масъалаи мазкур маводди фаровонеро аз шинохти шеър ва бадеияти он мутолиа ва баррасӣ намудааст. Хулоса ва натиҷаи ниҳоии тадқиқ бори дигар аз заҳмати унвонҷӯ дар баррасӣ ва таҳлилу

таҳқиқи мавзуъ гувоҳӣ дода, арзиши илмии рисоларо ба маротиб афзун гардонидааст.

Пажӯҳиши диссертант дар мавриди шинохти мафҳуми парадокс дар адабиётшиносии ватаниву хориҷӣ бар асоси омӯзиши осори назариву амалӣ хеле муфассал сурат гирифтааст. Заминаҳои зуҳури он дар шеъри классикии тоҷик ва идомаи он ҳамчун як суннати адабӣ дар шеъри муосир низ ҷолиб ба назар мерасад.

Дар умум, дар таҳқиқоти Ризобоева Наргис ду давраи муҳимми адабиёти муосири тоҷик аз назари ҷойгоҳи тасвирҳои парадоксӣ дар шеър таҳқиқ шудааст, ки барои шинохти ҷойгоҳи шеъри имрӯз ва таъйини арзишҳои адабиву бадеии он хеле  муҳим мебошад.Таҳқиқи тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри давраи истиқлол, хосатан дар ашъори шоироне чун Гулрухсор, Фарзона, Доро Наҷот, Озарахш, Суруш, Озар, Гулноз, Нарзуллои Азизиён ва дигарон аз доираи васеи маводи амалӣ, намунаҳои ашъори шоирони имрӯз дарак медиҳад ва ба доираи фарохи мутолеаи муаллиф ишорат мекунад.

Дар баробари ин дастовардҳо аз фишурдаи рисола маълум мешавад, ки дар он баъзе камбудиҳо низ роҳ ёфтаанд. Муаллиф дар муқаддима асари Имомзода М.С., Кӯчарзода А., Абдуллозода М.А., Табарӣ М. “Адабиёти тоҷик дар замони истиқлолият”-ро зикр намуда қайд менамояд, ки ин таҳқиқоти судманд бевосита ба таҳқиқу баррасии вижагиҳои адабиёти 30 соли охир, аз ҷумла шеър, ҷанбаҳои мавзуиву шаклӣ ва сабкии он бахшида шудааст, аммо дар натиҷаҳои таҳқиқот зикр менамояд, ки «мусаллам аст, ки ҳарчанд аз истиқлолияти давлатии Тоҷикистон сӣ сол сипарӣ шудааст, ҳанӯз китобе мустақилона роҷеъ ба таърихи ин давраи адабиёт ба қалам наомадааст ва зарурати иншои чунин китоб мавҷуд аст» ва ин ихтилофи афкори муҳаққиқ мебошад. Дар автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ, техникӣ, хусусан дар овардани рӯйхати адабиёт

дар повараҳо ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кори муаллиф мебошад.

Бо ишораи ин нуқсонҳои фишурда арзиши илмии он кам намегардад. Рисола ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори унвони номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мебошад.

Дотсенти кафедраи забони
тоҷикӣ ва усули таълими забон
ва адабиёти тоҷики ДМТ,
номзади илми филология — Дӯстмурод Ҳафиззода

Имзои Ҳафиззода Дӯстмуродро
тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ — Эмомалӣ Тавқизода

22. 11. 22г.